***ТДУ 371.01***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-166-171***

***ДОИР БА МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ОМОДАСОЗИИ ЗАБОНӢ-ТАХАССУСИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ФАННИ ТАЪРИХ***

***Абдувоҳидова Тахмина Неъматҷоновна,*** *муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии факултети забонҳои хориҷии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОБ АКТУАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМАХ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ЯЗЫКОВОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИСТОРИИ***

***Абдувохидова Тахмина Неъматджоновна,*** *старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков факультета иностранных языков ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***ON ACTUAL PROBLEMS OF LANGUAGE-PROFESSIONAL PREPARATIONS OF FUTURE TEACHERS OF HISTORY***

***Abduvohidova Takhmina Nematjonovna,*** *Senior Lecturer of all-University Department of Foreign Languages, Faculty of Foreign Languages, SEI «KhSU named after acad.B.Gafurov», (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *abduvohidova2680@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *омӯзгорони оянда, омӯзгорониояндаи фанни таърих, мувофиқатии шакл ва мазмун, зиддияти байни шакл ва мазмун, воситаҳои таълим, мундариҷаи таҳсилоти касбӣ, омодасозии забонӣ-тахассусӣ, алоқамандии байни фанҳои забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ, алоқамандии байни фанҳои забон ва фанҳои тахассусӣ, алоқамандии байни фанҳои забон ва фанни таърих.*

*Қисми муҳимми омодасозии касбӣ-меҳнатии омӯзгорони оянда ин омодасозии забонӣ-тахасусии онҳо мебошад. Зеро забон барои омӯзгор воситаи асосии таълим, тарбия ва инкишофи шогирдон мебошад. Барои ҳамин ҳам хеле муҳим аст, ки байни шакл (забон) ва мазмун на зиддият, балки мувофиқат мавҷуд бошад. Байни мақсад ва вазифаҳои таҳсилоти касбӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳсилоти касбӣ мувофиқат, на балки зиддият бошад. Зеро шакл ва мазмун диалектикаи ягонагӣ, бо ҳамдигар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагиро бояд ташкил диҳанд. Аз ҳамин нуқтаи назар дар мақолаи мазкур сухан оиди зарурат ва аҳамияти риоя намудани принсипи алоқамандии фанҳои забон, яъне забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ аз як ҷониб ва алоқамандии фанҳои забон бо фанҳои тахассусӣ аз ҷониби дигар меравад. Нуқтаҳои мазкури назариявӣ дар мисоли омодасозии забонӣ тахасуссии омӯзгорониояндаи фанни таърих мавриди назар гардидааст, ки дар он забономӯзонӣ ва забономӯзӣ ҳам ба забони модарӣ ва ҳам ба забонҳои хориҷӣ ҳамчун шакломӯзонӣ ва шакломӯзӣ ва таърихомӯзонӣ ва таърихомӯзӣ ҳамчун мазмуномӯзонӣ ва мазмуномӯзӣ диалектикаи ягонагӣ, бо ҳамдигар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагиро ташкил медиҳанд.*

***Ключевые слова:*** *будущие учителя, будущие учителя истории, соответствие формы и содержания, противоречие между формой и содержанием, средства обучения, содержание профессионального образования, профессионально-языковая подготовка, взаимосвязь учебных предметов родного языка и иностранных языков, связь языковых учебных дисциплин с учебными дисциплинами специальности будущих учителей, связь языковых учебных дисциплин с учебной дисциплиной истории.*

*Важной составной частью подготовки будущих учителей является их профессионально-языковая подготовка, так как язык является для учителя главным средством обучения, воспитания и развития своих подопечных. В связи с этим, очень важным является то, что между формой (язык) и содержанием должно быть не противоречие, а соответствие. Поскольку форма и содержание должны образовать диалектическое единство, взаимосвязь и взаимообусловленности. С этой точки зрения в рассматриваемой статье речь идёт о необходимости и значении соблюдения принципа связи родного языка с иностранными языками и связи языковых учебных дисциплин с учебными дисциплинами специальности будущих учителей. Данные теоретические положения рассматриваются на примере профессионально-языковой подготовки будущих учителей истории, в которой преподавание и изучение языков как преподавание и изучение формы и преподавание и изучение истории как преподавание и изучение содержания образуют диалектическое единство, которые взаимосвязаны и взаимообусловлены.*

***Keywords:*** *future teachers, future teachers of history, harmony of form and content, content of the professional education, language-professional preparation, intercommunication of teaching subjects with the teaching subjects, with the teaching subjects of profession line of future teachers, connection of language teaching subjects with the teaching subject of history.*

*The pompously component of professional-labour preparation of future teachers is their language-professional preparation. Since the language is the main means of teaching, upbringing and the development of his apprentices. In this connection is very important is the harmony between form (language) and the content and must not be contradiction, but must be harmony. Since the form and mutual dependence. With this point of view in the given article the talk is about the necessity and the significance of observing the principle of the connection of the native language with the foreign languages and the connection of language teaching subjects with the teaching subjects of the professional line of future teachers. These theoretical regulations are considered in the example of the language-professional preparation of the future teachers of the history, in which the teaching and learning the languages as the teaching and learning of the forms and the teaching and the learning the history as the history as the teaching and the learning of the content organizes the dialectical unity, which are interconnected and mutual depended.*

Яке аз масъалаҳои муҳимми марбут ба нақш ва мақоми воситаҳои таълим дар мактаби олӣ ин муносибати байни воситаҳои таълим ва мундариҷаи таҳсилоти касбӣ арзёбӣ мегардад. Ҳаллу фасли самараноки он барои баланд бардоштани сифати воситаҳои таълим шароити мусоид фароҳам меоварад. Зеро чӣ тавре ки таҳлили воситаҳои таълими забони англисӣ барои омӯзгорони ояндаи ихтисосҳои ғайритахассусӣ нишон медиҳад, баъзан зиддият байни воситаҳои таълим ва мазмуну мундариҷаи таҳсилоти касбӣ, мазмуну мундариҷаи таълими касбӣ-меҳнатӣ ба назар мерасад, ки ин боиси паст гардидан ва ба талаботҳои муосири илмӣ-методӣ ҷавобгӯ нагардидани воситаҳои таълим мегардад. Барои он ки воситаи таълим ва мазмуни таълим аз дидгоҳи дидактикӣ–диалектикӣ бо ҳам мувофиқ оянд бояд, ки онҳо ягонагӣ, алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагиро ташкил диҳанд. Барои ин ба омӯзгорони оянда омӯзонидан ва омӯзиши мавзуҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

Маълумоти мухтасар дар бораи пайдоиши забон;

Нақш ва мақоми забонҳои хориҷӣ дар ташаккули салоҳияти касбӣ-меҳнатии мутахассисон;

Маълумоти мухтасар дар бораи пайдоиши меҳнат;

Нақш ва мақоми фаъолияти касбӣ – меҳнатӣ дар ҳаёти шахс;

Маълумоти мухтасар дар бораи зарурат ва аҳамияти омодагии забонии мутахассисони ояндаи омӯзгорӣ;

Маълумоти мухтасар дар бораи омодагии касбӣ–меҳнатии мутахассисони оянда;

Маълумоти мухтасар ба забони хориҷӣ дар бораи фанҳои таълимии тахассусӣ: моҳият, мазмун, мундариҷаи асосӣ, мафҳумҳои асосӣ;

Маълумоти мухтасар ба забони хориҷӣ дар бораи пайдоиши илм ва маълумот;

Нақш ва мақоми илм ва маълумот дар ҳаёти шахс ва ҷомеа;

Дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти олимони бузург тарбия намудани омӯзгорони оянда;

Дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти омӯзгорони пешқадам ва навовар тарбия намудани омӯзгорони оянда;

Дар мисоли таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ доир ба фанни тахассусӣ тарбия намудани омӯзгорони оянда;

Дар бораи диалектикаи ягонагӣ, боҳамдигар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагии назария ва амалияи фаъолияти касбӣ–меҳнатӣ маълумот додан;

Истифодаи категорияи гузариш аз кулл ба ҷузъ зимни омодасозии касбӣ–меҳнатии омӯзгорони оянда; Хусусиятҳои асосии касби омӯзгорӣ; Нақш ва мақоми касби омӯзгорӣ дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеа.

Ду нуқтаи муҳимро, махсус таъкид намудан ҷоиз аст.

Якум, гузариш аз кул ба ҷузъ. Дар ин ҷо нисбати таҳқиқоти мо кул ин маҷмуи фанҳои таълимӣ, ҷузъ–ҳар як фанни таълимӣ дар алоҳидагӣ. Аз ин лиҳоз омодагии омӯзгорони оянда бояд аввал дар сатҳи кул, баъд дар сатҳи ҷузъ мавриди назар гардад. Ҷузъ шакли зуҳурёбии кул мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи предметҳо ва ҳодисаҳое, ки ҳамчун ҷузъ мавриди назар мегарданд, онҳо хосияте доранд, ки он фанро дар кулли мазкур бо ҳам пайваст менамояд. Аз ин лиҳоз ҳамаи фанҳои таълимӣ аз нуқтаи назари кул ва ҷузъ хосиятҳо ва хусусиятҳои умумӣ, яъне ба ҳам монанд ва аз ҳамдигар фарққунандаро доро мебошанд. Бинобар ҳамин ҳам зимни омодасозии забонӣ ва касбӣ–меҳнатии омӯзгорони оянда ин қоида бояд ба назари

эътибор гирифта шавад. Аммо гузариш аз кул ба ҷузъ ҳамон вақт самаранок ба амал меояд, ки агар тариқи гурӯҳбандӣ предмет ва ҳодисаҳо баъд аз сатҳи кул, ки сатҳи аввал арзёбӣ мегардад, дар сатҳи гурӯҳӣ мавриди назар гарданд. Танҳо пас аз сатҳи гурӯҳӣ ҳар як предмет ва ҳодиса дар сатҳи ҷудогона мавриди таҳлил қарор мегирад. Аз ҳамин нуқтаи назар бояд, ки навъ, хелҳои фанҳои таълимӣ низ гурӯҳбандӣ карда шаванд. «Вобаста ба вазифа (функсия) ва қисмати пешбари мундариҷа хелҳои фанҳои таълимӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ба хели якум чунин фанҳои таълимӣ бо вазифаи «мусаллаҳ» намудан бо силсилаи донишҳои илмӣ дохил мешаванд. Ин нисбатан гурӯҳи калони фанҳои таълимӣ: физика, химия, биология, таърих, ҷуғрофия ва дигарҳо мебошанд. Хели дуюми фанҳои таълимӣ бо вазифаи ташаккули фаъолият мебошанд. Ба ин хели фанҳои таълимӣ фанҳои забони хориҷӣ, тарбияи ҷисмонӣ, таълими меҳнат ва баъзе дигар фанҳо дохил мешаванд. Хели сеюми фанҳои таълимиро бо вазифаи ташаккули муносибат фанҳои адабиёт, мусиқӣ, санъати тасвирӣ ташкил медиҳанд» [5, с.134]. Ҳар як хели фанҳои таълимӣ, аз ин лиҳоз, хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошанд. Зимни омодасозии забонӣ ва касбӣ–меҳнатии омӯзгорони оянда ин хусусиятҳои гурӯҳӣ, пас аз хусусиятҳои умумии касбӣ–омӯзгорӣ мавриди назар мегарданд. Танҳо пас аз ин соф хусусиятҳои фанҳои ҷудогона мавриди таҳлил қарор мегиранд. Чунин зина ба зина мавриди назар намудани хусусиятҳои ҳар як фанҳои таълимӣ бояд, ки дар асоси роҳандозӣ намудани алоқамандии байни фанҳои педагогика, равоншиносӣ, фанҳои тахассусӣ, методикаи таълимӣ фанҳои ҷудогона ва сипас махсус фанни забони англисӣ ва фанҳои тахассусӣ амалӣ гардонида шавад.

Дуюм, алоқамандии фанни забони англисӣ ва фанҳои тахассусро бояд риоя намуд. Зимни омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ- меҳнатӣ принсипи мазкур аҳамияти аввалиндараҷаро доро мебошад. Аз ин лиҳоз омӯзгорони оянда пеш аз ҳама бояд дарк намоянд, ки зарурат ва аҳамияти омӯзиши забони англисӣ аз чӣ иборат аст. Ин барои ташаккули талабот барои забономӯзӣ шарт ва зарур аст.Омӯзгори оянда новобаста ба он ки ӯ кадом фанни таълимиро дар оянда дарс медиҳад, бояд зарурат ва аҳамияти омӯзиши забони хориҷиро бошуурона дарк намояд. Дар акси ҳол ӯ ин фанро васеъ ва чуқур омӯзонида наметавонад. Аз ҷониби дигар, омӯзгори оянда новобаста ба он ки ӯ кадом фанро таълим медиҳад, бояд ба мактаббачагон дар қатори фаҳмондадиҳии зарурат ва аҳамияти фанни худ, боз зарурат ва аҳамияти омӯзиши фанни забони хориҷиро дар алоқамандӣ бо зарурат ва аҳамияти фанни худ нишон дода тавонад. Барои ҳаллу фасли ин муаммо омӯзгори оянда худ ба худ омода намегардад, ба ин кор ӯро махсус омода намудан лозим аст. Раванди ҷаҳонишавӣ ва бинобар ин босуръати баланд густариш ёфтани муносибатҳои байналмилллалӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷӣ донистан ва мавриди муоширати шифоҳӣ ва хаттӣ истифода бурда тавонистани забони хориҷиро дар муҳити забонӣ тақозо менамояд. Бодарназардошти нуқтаҳои муҳимми назариявии зикргардида моҳият, мазмун, мундариҷаи асосӣ, шакли зуҳурёбии диалектикаи ягонагӣ, бо ҳамдигар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагии таълими забономӯзонӣ ва забономӯзиро вобаста ба хусусиятҳои омодасозии забонӣ ва тахассусии омӯзгорониояндаи фанни таърихро мавриди назар менамоем.

Диалектикаи ягонагии забонӣ ва тахассусии омӯзгорониояндаи фанни таърих дар заминаи мундариҷаи таълими забони англисӣ амсилаи дидактикии зеринро доро мебошад.




***Расми № 1. Амсилаи омодасозии забонии омӯзгорониояндаи фанни таърих дар раванди таълими забони англисӣ.***

Омӯзгорониояндаи фанни таърих зарурат ва аҳамияти донистани таърихро ҳамчун илм ва ҳамчун фанни таълимӣ на танҳо тавассути забони модарӣ, балки боз тавассути забони хориҷӣ низ баён намуданашон барои васеъ ва чуқур азхуд намудани он имконият фароҳам меоварад. Дарки зарурат ва аҳамияти таърих ҳамчун илм ва ҳамчун фанни таълимӣ аз дарки моҳияти шавқи таърихӣ ва маърифати таърихӣ оғоз ва сарчашма мегирад. «Талаботи иҷтимоӣ, ки барои қонеъ намудани ин маърифати таърихӣ нигаронида шудааст, - ин фароҳам овардани шароит барои худмуайянкунии фарҳангӣ, иҷтимоӣ–этникии халқ, барои аз ҷониби худ дарк намудани

худ ҳамчун умумияти этникӣ, аз дигарҳо фарққунанда, ҳамчун мавҷудоти томи ҷудогона мебошад» [4, с.9]. Тавассути забонҳои хориҷӣ мафҳумҳои асосии илми таърихӣ, қонуниятҳои асосии пайдоиш ва инкишофи таърихии халқҳо ва давлатҳо, фактҳои асосии таърихӣ, маърифати таърихӣ, таҷрибаи таърихӣ ва дигар унсурҳои асосии системаи фанни таърих мавриди омӯзонидан ва омӯзиш қарор дода мешавад, ки онҳо барои фаҳмиш ва муошират бо забони хориҷӣ доир ба мавзуҳои мубрами таърихӣ имкон медиҳанд. Бодарназардошти ин ақида таҳия намудани матнҳо, машқҳо, супоришҳои амалӣ, маводҳо барои КМРО (кор бо роҳбарии омӯзгор), КМД (кори мустақилонаи донишҷӯ) дар доираи таҳияи комплекси методӣ–таълимӣ барои таълими фанни забони англисӣ ба омӯзгорони ояндаи фанни таърих тавсия дода мешавад.

Ин нуқтаи назари илмӣ барои ташаккули шуур ва фарҳанги маърифатии ҳам омӯзгорони оянда ва ҳам мактаббачагон муҳим арзёбӣ мегардад. Васеъ ва чуқур азхудкунии донишҳои таърихӣ танҳо дар заминаи диалектикаи ягонагии забономӯзонӣ ва таърихомӯзонӣ аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар забономӯзӣ ва таърихомӯзӣ тавассути забони хориҷӣ ба амал меояд, зеро маъхазҳои таърихӣ танҳо ба забони модарӣ таҳия карда намешаванд. Аммо як нуқтаро махсус таъкид кардан ҷоиз аст, ки таълими фанни забони хориҷӣ ҳаргиз таълими фанҳои тахассусиро иваз намекунад. Дар ин ҷо хусусияти хоси таълими фанни забони хориҷӣ дар он аст, ки тавассути он на ҳамаи маҷмуаи мундариҷаи таълими фанҳои тахассусӣ, балки танҳо ҷанбаҳои асосӣ, маводи асосии таълимӣ мавриди омӯзонидан ва омӯзиш қарор дода мешавад. Муносибати байни забон ва мундариҷаи таълимии тахассусӣ аз нуқтаи назари фалсафавӣ ин муносибати байни шакл ва мазмун мебошад. Тавассути забони модарӣ таълим додан ин як шакл, тавассути забони хориҷӣ таълим додан ин шакли дигари таълим мебошад.

Тавассути забонҳои модарӣ ва хориҷӣ омӯзонидан ва омӯзиши донишҳои тахассусӣ, аз ҷумла таърихи тахассусӣ ба роҳ монда мешавад. Хусусияти хоси забони хориҷӣ зимни омӯзонидан ва омӯзиши донишҳои таърихӣ тахассусӣ аз он иборат аст, ки «Бо ҳамдигар дакка хӯрда, ҳам бо табоқул, ва ҳам ба ҳамкорӣ кашида шуда, халқҳо ва давлатҳо дар назди зарурати фаҳмиши ҳамдигару азхуд кардани забони муошират, фаҳмиши ин ё он ақидаҳо, анъанаҳо, арзишҳо мемонанд» [4, с.5]. Тавассути забонҳои хориҷӣ мафҳумҳои асосии илмӣ таърихӣ, қонуниятҳои асосии пайдоиш ва инкишофи таърихии халқҳо ва давлатҳо, факту далелҳои асосии таърихӣ, маърифати таърихӣ, таҷрибаи таърихӣ, қаҳрамонҳои таърихӣ ва дигар унсурҳои асосии системаи фанни таърих мавриди омӯзонидан ва омӯзиш қарор дода мешаванд, ки онҳо барои фаҳмиш ва муошират ба забони хориҷӣ доир ба мавзуҳои мубрами таърих имкон медиҳанд. Масалан яке аз муаммоҳои муҳим ин ба давраҳои таърихӣ тақсим намудани ҷамъият ва илм мебошад, ки дар бораи он чунин ақида омадааст: Ҳар як давраи таърихӣ аз тарзи муайяни истеҳсолот вобаста аст, ки он ба форматсияи додашуда хос буда ва тамоми сохти иҷтимоии мазкурро: сохти ибтидоии ҷамъиятӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ, сотсиалистӣ ва иқтисоди бозоргониро муайян менамояд. Диалектикаи ягонагӣ, бо ҳамдигар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагии забономӯзонӣ ва таърихомӯзонӣ, инчунин забономӯзӣ ва таърихомӯзӣ зимни таълими забони англисӣ ба омӯзгорони ояндаи фанни таърих на танҳо дар доираи амалӣ гардонидани вазифаи маълумотдиҳандагии таълим, балки ҳамчунин дар доираи татбиқи вазифаи тарбиявии таълим низ аҳамияти махсуси илмӣ–методиро доро мебошад. Алалхусус зимни тарбия намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар мисоли ҳаёт ва фаъолият, корнамоӣ, зиндагиномаи қаҳрамонони Тоҷикистон, қаҳрамонони ҷангу меҳнат, сиёсатмадорони бузург, муаррихони маъруф ва дигар шахсиятҳои бузурги таърихӣ, барои халқу Ватан, тоҷику Тоҷикистониён хизматҳои арзанда намуданд арзиши баланди тарбиявӣ дорад, ки амсилаи он шакли зерин дорад (Ниг. ба расми № 2.)

Бо назардошти ин ақида таҳия намудани матнҳо, машқҳо, супоришҳои амалӣ барои КМРО (кор бо роҳбарии омӯзгор), КМД (кори мустақилонаи донишҷӯ) дар доираи таҳияи комплекси методӣ таълимӣ барои таълимӣ фанни забони англисӣ ба омӯзгорони ояндаи фанни таърих тавсия дода мешавад. Ҳамчунин дар ин самт тарбия намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти омӯзиши омӯзгорони пешқадам ва навовари фанни таърих дар доираи ташвиқу тарғиботи таҷрибаи пешқадами педагогӣ ҷолиби диққат аст, ки ин дар ташаккули салоҳияти баланди касбӣ–меҳнатӣ як воситаи тавонои дидактикӣ арзёбӣ мегардад. Ин гуна воситаҳои маълумотдиҳандагӣ, яъне муаррифӣ намудани маълумотҳои муҳим ва чорабиниҳои таърихиро, ки арзиши баланди маълумотдиҳандагӣ, тарбиявӣ,

инкишофдиҳандагӣ доранд, ҳам дар машғулиятҳои фанни забони хориҷӣ ва ҳам забони модарӣ бо муваффақият мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Амсилаи онҳо шакли зерин дорад.




***Расми № 2. Тарбияи омӯзгорони оянда дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои бузурги таърихӣ.***

Ин гуна воситаҳои самаранок ва усулҳои фаъоли таълими фанҳои забон, аз ҷумла таълими забони англисӣ имкон медиҳад, ки аз як ҷониб омӯзгорони фанни забон омӯзгорони ояндаро дар сатҳи баланди салоҳияти касбӣ таълим, тарбия ва инкишоф диҳанд, аз ҷониби дигар онҳоро ба таълим, тарбия ва инкишофи мактаббачагон ба дараҷаи лозимӣ омода намоянд. Зеро тавассути ҳама гуна воситаҳои самаранок ва усулҳои фаъоли таълим омӯзгорони оянда метавонанд эҷодкорона мактаббачагонро ба ҳаёт ва меҳнат ба таври шоиста омода намоянд. Шогирдон аз устодон панд меомӯзанд. Шогирдон, яъне омӯзгорони оянда маҳз ба устодони худ эҷодкорона тақлид ва пайравӣ менамоянд. Барои ҳамин ҳам чӣ қадаре ки дар арсенали, яъне кӯрхонаи омӯзгорони макотиби олӣ воситаҳои самаранок ва усулҳои фаъоли таълим зиёд бошад, ҳамон қадар шогирдон низ аз он самаранок баҳраманд мегарданд ва аз ҷиҳати илмию-методӣ дар сатҳи баланди салоҳияти касбӣ-меҳнатӣ барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ самаранок омода мегардонанд. Дар раванди таълими ҳам забони модарӣ ва ҳам забони хориҷӣ шарт ва зарур аст, ки омӯзгорони оянда ба истифодаи забони илмӣ ва забони таълимӣ аз як ҷониб ва забони фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ аз ҷониби дигар омода гарданд. Ин барои азхуд намудани донишҳо, аз ҷумла донишҳои таърихӣ ба забонҳои гуногун лозим мешавад. Таҳлил ва истифодаи матнҳо доир ба ҳаёт ва фаъолияти Қаҳрамонони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ба забони модарӣ ва ба забонҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки омӯзгорони оянда аввал худашон ҳамчун мутахассис дар руҳияи ҳаёт ва фаъолияти ин шахсиятҳои бузурги таърихӣ ба воя расанд, ва аз ҷониби дигар барои таълиму тарбияи насли наврас дар мисоли ҳаёт ва корнамоиҳои таърихи қаҳрамонони Ватан ҳамаҷониба омода гарданд. Дар шароити иттилоотонии раванди таҳсилот умуман раванди таълим алалхусус бояд, ки заминаҳои моддӣ-техникӣ фароҳам овард, барои истифодаи тахтаи электронӣ, барои намоиши филмҳои таълимӣ, таърихӣ, ки он барои ташаккули шавку рағбат нисбат ба омӯзиши таърихи ниёгон, таърихи кишварҳое, ки забони онро омӯзгорони оянда меомӯзанд, мусоидат менамояд. Истифода аз забонҳои гуногуни хориҷӣ шароити мусоиди дидактикӣ-методӣ фароҳам меоварад, барои риояи принсипи дастрасӣ дар таълим. Зеро донишҷӯе, ки забонҳои хориҷиро хуб медонад назар ба донишҷӯе, ки танҳо забони модарии худро медонад имконияти васеъ дорад, барои қабул ва интиқоли донишҳо, аз ҷумла донишҳои таърихӣ.

Дар ҳақиқат «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» мегӯянд, ки ин аз ҳамин ҷиҳат дуруст аст. Ташкили саёҳати таълими ба ҷойҳои таърихӣ низ дар доираи машғулиятҳои фанни забон барои омӯзонидан ва омӯзиши ҳам забонҳо ва ҳам таърихи ниёгон ва ҳам таърихи кишварҳои хориҷӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Ин гуна саёҳатҳои таълимиро омӯзгорони фанҳои забон дар якҷоягӣ бо омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ташкил ва гузаронида метавонанд, ки онҳо низ арзиши баланди таълимӣ-тарбиявиро доро мебошанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Азимов, Э.Т. Словарь лингвистических терминов (теория и практика преподавания языков)/Э.Т.Азимов, А.Н.Щукин.– Спб.: «Златоуст», 1999.-472с.
2. Гершунский, Б.С. Философия образования/Б.С.Гершунский.– М.: Московский психолого-социальный институт, Флинта, 1998.-432с.
3. Кедров, Б.М. Классификация наук. Прогноз Маркса о науке будущего/Б.М.Кедров.–М.: Мысль, 1985.-543с.
4. Ракитов, А.И. Историческое познание: Системно-гносеологический подход/А.И.Ракидов. – М.: Политизуст, 1982. -303с.
5. Теоретические основы процесса обучения в советской школе / Под.ред. В.В. Краевского, И.Я. Лернера – М.: Педагогика, 1989-324с.

**REFERENCES:**

1. Azimov E.G., Shukin A.N. Glossary of linguistic terms (theory and the practice of teaching the languages). – Spb.: «Zlatoust», 1999. – 472p.
2. Gershunsky B.C. Philosophy of education. – M.: Moskov psychology-social institute, Flinta, 1998. – 432p.
3. Kedrov B.M. Classification of science of future. – M.: Misl, 1985. – 543p.
4. Rakitov A.I. Historical cognition: System-epistemological approach – M.: Politizdat, 1982. – 303p.
5. Theoretical base of the process of teaching in soviet school / Edited by V.V. Kraevsky, I, Y. Lerner – M.: Pedagogika, 1989. – 324p.